«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Муовини ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Муминзода Ш.А. ____________
«_29_» ____03______ 2025

# ПРОТОКОЛИ № 8

**ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва муқовимат ба коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

**аз «26» марти соли 2025 ш. Хуҷанд**

**Раис: н.и.ҳ., дотсент Қобилов Б.Қ.**
**Котиб: н.и.ҳ., дотсент Сайдуллоев А.А.**
**Иштирок карданд:** мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва муқовимат ба коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ, н.и.ҳ., дотсент Қобилов Б.Қ., декани факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ, н.и.ҳ., дотсент Кенҷаев Ш.Ю., д.и.ҳ., профессор Қудратов Н.А., н.и.ҳ., профессор Ғаффорӣ Н.А., н.и.ҳ., дотсентон Қурбонзода Б.Ш., Раҳматулоев А.Э., Қаҳоров Н.М., Санавваров Ғ.Б., Очилова Ф.А., Ҳомидова М.Ф., Қодирзода М., Маннонзода Н.М., Сайдуллоев А.А., Акилова М.М., Болтуева М.Ё., мудири шуъбаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва педагогии Раёсати илм ва иноватсияи ДДҲБСТ н.и.и., дотсент Тоҷзод Д.Ҳ., муаллимони калон Шукуров Ф., Каримзода М.М., ассистентон Акмалзода А.Ҳ., Каримов А.М.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

**1. Муҳокимаи диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва муқовимат ба коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ Каримзода Муаззама Мирзокарим дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.**

**Роҳбарии илмӣ: н.и.ҳ., дотсент Қурбонзода Б.Ш.**

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Каримзода Муаззама Мирзокарим баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият ва рӯзмаррагӣ, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқи

диссертатсионии худ маълумот дода, иброз намуд, ки дар шароити муосир, яке аз ҷиноятҳои хатарноке, ки ба асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлатҳо таҳдиди ҷиддӣ эҷод мекунад, ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ба ҳисоб меравaнд. Мубориза бо ин ҷиноятҳо хусусияти фаромарзӣ гирифта, диққати ҷомеаи ҷаҳониро ба худ ҷалб намудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як кишвари минтақаи Осиёи Марказӣ, пас аз ба даст овардани истиқлолият бо таҳдидҳои марбут ба ифротгароӣ ва терроризм рӯ ба рӯ гардид.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар робита ба хатари ин зуҳурот таъкид намудаанд: «Дар минтақаи мо амалҳои гурӯҳҳои ифротӣ ва тундгаро барои кишварҳои Осиёи Марказӣ хатари ҷиддӣ доранд. Онҳо бо шиорҳои динию мазҳабӣ ҳадафҳои муғризонаи худро пинҳон намуда, бо суханони мубориза барои адолати иҷтимоӣ тарафдорони худро ҷалб мекунанд. Вале дар асл, мақсади онҳо дигар намудани сохти дунявии давлатҳои минтақа буда, барои ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ аз ҳар гуна роҳу восита истифода мебаранд». Дар солҳои охир, Ҳукумати Тоҷикистон як қатор тадбирҳои низомӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ ҷиҳати пешгирӣ ва муқовимат бо таҳдидҳои ифротгароӣ ва терроризм амалӣ намуд. Аз ҷумла, қонунгузорӣ дар ин самт такмил дода шуда, ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ва кишварҳои шарик тавсеа ёфт. Ин иқдомот барои таъмини амнияти миллӣ ва ҳифзи сохти конститутсионӣ нақши калидӣ мебозанд.

Даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм метавонанд барои ҷомеа, давлат, амният ва субот оқибатҳои ҷиддӣ ва манфӣ дошта бошанд.

Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Мақсади таҳқиқоти илмӣ таҳлили ҳамаҷониба ва амиқи мафҳум ва нишонаҳои асосии экстремизм ҳамчун категорияи калидии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, бахусус, даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм мебошад. Ин таҳқиқот, инчунин, ба омӯзиши унсури таркиби ҷиноятe, ки дар шакли даъвати оммавӣ барои содир кардани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии чунин фаъолиятҳо зоҳир мегардад, равона гардидааст. Дар ин замина, яке аз ҳадафҳои стратегии таҳқиқот, коркарди тавсияҳо барои такмили КҶ ҶТ ва қонунгузории ҶТ мебошад, ки ҳадафи он таҳкими ҳимояи ҳуқуқӣ - ҷиноятии асосҳои сохти конститутсионӣ ва таъмини амнияти давлатӣ мебошанд. Бо дарназардошти ҳадафҳои стратегӣ, барои амалисозии таҳқиқот як қатор вазифаҳои мушаххаси назариявӣ ва амалӣ муайян гардидаанд. Ин таҳқиқот тавассути баррасии масоили назариявӣ ва амалии марбут ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм, ҳамзамон дар такмили низоми қонунгузории миллӣ ва баланд бардоштани самаранокии мубориза бо ин ҷиноят нақши назаррас дорад.

Барои расидан ба мақсадҳои ишорагардида ба таҳқиқоти диссертатсионӣ вазифаҳои зерин гузошта шуданд:

- муайян кардани мафҳум, нишонаҳо ва сарчашмаҳои ҳуқуқии экстремизм ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ;

- омӯзиши таҷрибаи пешқадами кишварҳои дигар (ИДМ) дар самти танзими ҳуқуқӣ ва ҷавобгарӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм (м.307[1] КҶ ҶТ) ва истифодаи минбаъдаи ин таҷрибаи самаранок дар такмили қонуни ҷиноятии ҶТ;

- таҳлили ҳуқуқӣ - ҷиноятии аломатҳои объективии ҷинояти дар м.307[1] КҶ ҶТ пешбинишуда;

- таҳлили ҳуқуқӣ - ҷиноятии аломатҳои субъективии ҷинояти дар м.307[1] КҶ ҶТ пешбинишуда, бахусус, муайян намудани ангезаи ин ҷиноят;

- коркард ва пешниҳоди механизмҳои такмилдиҳии қонунгузории ҷиноятӣ, ки ҳимояи муассири ҳуқуқии сохти конститутсионӣ ва амнияти давлатро таъмин менамоянд;

- таҳияи тавсияҳои мушаххас оид ба такмил додани қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ доир ба мубориза бар зидди ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз нуқтаи назари масъалагузорӣ, равиши таҳқиқот, усули баррасӣ ва роҳҳои илмии ҳалли масоили мавҷудаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм навгонии ҷиддӣ дар фазои илми ҳуқуқшиносӣ, махсусан, дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятии кишвар ба ҳисоб меравад.

Натиҷаҳои таҳқиқот аз хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳо ҷиҳати такмили қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм ҳамчун ҷиноят, иборат мебошад. Хулосаҳо ва нуқтаҳои илмие, ки дар рафти таҳқиқи диссертатсия ба даст омадаанд, метавонанд дар ҷараёни таҳқиқоти минбаъдаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти ҳифзи муносибатҳои таъмини амнияти давлатӣ ва ҳифзи асосҳои сохти конститутсионӣ, бахусус, амнияти миллӣ, амнияти давлатӣ, ҳимояи асосҳои сохти конститутсионӣ, тамомияти арзӣ ва дахлнопазирии ҳудудӣ истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд боиси такмили меъёрҳои амалкунандаи қонунгузории ватанӣ, аз ҷумла Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи

муқовимат бо экстремизм» ва ғ. гарданд, дар амалия тартиби дуруст бандубаст кардан ва татбиқи қонунгузории ҷиноятӣ ҷиҳати ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои экстремистӣ, бахусус, даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм дуруст танзим карда шаванд, фаъолияти қонунгузорӣ ва қонунтатбиққунии судҳо ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи дигар истифода гарданд.

Ҳамзамон, хулосаҳои дар сатҳи диссертатсия овардашуда барои таълими фанҳои тахассусӣ ва гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, зимни омӯзиши фанҳои таълимии ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, курси махсуси таълимии ҳуқуқӣ, аз ҷумла фанни «Ҷиноятҳои хусусияти террористӣ ва экстремистидошта», «Ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат» аҳаммияти калон доранд.

Дар ҷараёни ҷаласа аз ҷониби иштирокчиён н.и.ҳ., профессор Ғаффорӣ Н.А., н.и.ҳ., дотсент Раҳматулоев А.Э., н.и.ҳ., дотсент Қаҳоров Н.М., н.и.и., дотсент Тоҷзод Д.Ҳ., н.и.ҳ., дотсент Санавваров Ғ.Б., н.и.ҳ., дотсент Қодирзода М.А. ва н.и.ҳ., дотсент Ҳомидова М.Ф. ба унвонҷӯ саволҳо дода шуд, ки ба онҳо Каримзода Муаззама Мирзокарим ҷавобҳои мукаммал дод.

Баъдан роҳбари илмии унвонҷӯ н.и.ҳ., дотсент Қурбонзода Б.Ш. баромад намуда, оид ба фаъолияти илмӣ – омӯзгории Каримзода М.М. суханронӣ намуда, иброз дошт, ки унвонҷӯ қобилияти баланди эҷодӣ дошта, таҳқиқи диссертатсионӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзуи он барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мутобиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Дар охир аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Сипас, раиси ҷаласа н.и.ҳ., дотсент Қобилов Б.Қ. баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия иштирокчиёни дигар, аз ҷумла д.и.ҳ., профессор Қудратов Н.А., н.и.ҳ., профессор Ғаффорӣ Н.А., н.и.ҳ., дотсент Кенҷаев Ш.Ю., н.и.ҳ., дотсент Қодирзода М. ва н.и.ҳ., дотсент Сайдуллоев А.А. баромад намуда, ба унвонҷӯ тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявӣ – методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Каримзода М.М. муҳаққиқи пурмаҳсул буда, муаллифи 21 таълифоти илмӣ, иштирокчии конференсия ва семинарҳои илмӣ – амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуқтаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба таҳқиқи диссертатсионӣ мусоидат менамоянд.

Каримзода Муаззама Мирзокарим ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Каримзода Муаззама Мирзокарим дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва

криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Каримзода М.М. дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва муқовимат ба коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон санаи 26 марти соли 2025 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ – 16 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 16 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:** **Қобилов Б.Қ.**

**Котиби ҷаласа:** **Сайдуллоев А.А.**

**Имзои Қобилов Б.Қ. ва Сайдуллоев А.А.-ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДҲБСТ**
**“27” 03 с. 2025** **Бобоев А.Х.**

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, микроноҳияи 17, бинои 1, ДДҲБСТ.
Тел.: 342223811